# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа. - шаҳри Хуҷанд, соли 2025**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи доктории Каримов А. А. зери унвони **«Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)»** ба ихтисоси 09.00.03. - Таърихи фалсафа ва самти таърихи фалсафаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ мутобиқати пурра дорад. Дар рисолаи илмӣ, диссертант пеш аз ҳама ба масъалаҳои калидии ҳастишиносӣ — ҳастӣ ва нестӣ, моҳият, замон, ҳаракат ва воқеият таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онҳоро мавриди таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Ҳамчунин, дар тадқиқот масъалаи таносуби Худо, олам ва инсон, масъалаи тарбияи инсони комил, ки дар фалсафаи асримиёнагӣ мавқеи барҷаста дошт, ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Бахусус, масъалаҳои ҳастишиносӣ дар доираи таълимоти машшоияи шарқӣ ва тасаввуф бо равиши муқоисавӣ таҳлил ва омӯзиш ёфтаанд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи интихобкардаи диссертант – «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X–XII» дорои аҳаммияти илмӣ ва назариявии фавқулода мебошад. Ҷустуҷӯҳои илмӣ шаҳодат медиҳанд, ки ин масъала бо чунин унвон то имрӯз, ҳам дар пажӯҳишҳои донишмандони хориҷӣ ва ҳам муҳаққиқони ватанӣ, бо сабабҳои гуногун аз мадди назар дур мондааст.

Дар шароити кунунӣ, бахусус баъд аз ба даст овардани истиқлоли миллӣ, бознигарии дубораи моҳият ва арзишҳои таълимоти фалсафию ирфонии асримиёнагии тоҷик дар заминаи воқеиятҳои методологияи муосири илмӣ, бо такя ба мероси гаронбаҳои фалсафӣ ва андешаҳои динию ирфонӣ, аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Ин гуна баррасӣ метавонад дар ташаккули ҷаҳонбинии солим нақши муассир бозад ва барои ҳар як шахс, сарфи назар аз тафовутҳои диниву эътиқодӣ, манфиатбахш гардад.

Таърихи тамаддуни халқи тоҷик марҳилаҳои пурпечутоб ва гуногуни таърихиро аз сар гузаронида, дар раванди рушди худ унсурҳои мухталифро дар бар гирифтааст, ки ба гардишҳои бузурги иҷтимоиву фарҳангӣ ва сиёсиву мазҳабӣ пайванди мустақим доранд. Хусусан, бо воридшавии дини ислом ба сарзамини тоҷикон вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва динӣ тағйир ёфта, мазмуну мундариҷаи фарҳанги миллӣ шаклу сифатҳои нав касб намудааст.

Дар чунин замина, муроҷиат ба манбаъҳои фарҳанги маънавӣ ва омӯзиши ақоиди фалсафӣ, онтологӣ ва антропологии файласуфон ва мутафаккирони барҷастаи тоҷик дар асрҳои X–XII аҳаммияти фавқулода пайдо мекунад. Омӯзиши ин афкор имконият фароҳам меорад, ки ҷиҳатҳои умумӣ ва ихтилофии ду самти асосии фарҳанги миллӣ – машшоия ва тасаввуф равшан гардад.

Дар рисола таъкид шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни осори файласуфони тоҷик, ки ба илмҳои ҷомеашиносӣ ва башаршиносӣ бахшида шудаанд, аз ҷониби муҳаққиқони варзидаи дохилӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Олимону файласуфони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба таҳқиқи фалсафаи Шарқ ва равияҳои он, аз ҷумла масъалаҳои онтологӣ ва равияҳои фалсафию динӣ, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудаанд. Онҳо дар роҳи инкишофи ирфони назарӣ ва асоснокунии илмии он оид ба омӯзиши мероси ирфонии халқи мо асарҳои арзандае таълиф кардаанд. Дар қатори онҳо метавон корҳои муҳаққиқонеро номбар кард, аз қабили

Торчинов Е., Доброхотов А. Л., Поликарпов В., Смирнов А. В., Кароматов С. Х., Комилов Н., Ҳамидӣ Ҳ., Баҳоваддинов А., Бертелс К., Бертелс Е., Осимӣ М., Олимов К., Зиёзода И., Шамолов А., Ахмедов С., Муҳаммадхоҷаев А., Муҳаммадҷонова М., Зиёев Х., Раҷабов М., Одилов Н., Ҳазратқулов М., Қурбонмамадов А., Одинаев Ё., Исматов Б., Содиқова Н., Шамсов М. ва дигарон.

Бо вуҷуди ин, таҳқиқи робитаҳои дохилии фалсафаи машшоия бо тасаввуф ва ирфон, баррасии тағйироти ҳастишиносӣ дар доираи фалсафаи асримиёнагии тоҷик, муқоисаи он бо равияҳои дигар ва инчунин омӯзиши таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба афкори фалсафӣ то имрӯз ба таври кофӣ анҷом наёфтааст. Аз ҳамин мавқеъ, зарурати таҳқиқ ва таҳияи як рисолаи ҷудогона ба миён меояд, ки худ далели возеҳи аҳаммият ва мубрамияти мавзуъ мебошад.

Аз тарафи дигар, арзиши илмӣ ва аҳаммияти назариявию методологии чунин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тасаввуф ҳамчун шакли олии шуури ирфонӣ шарҳ ёфта, таълимоти сӯфиёни Осиёи Марказӣ бо таҳлилҳои амиқ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар ин замина, хусусияти амалӣ ва таҷрибавии тасаввуф бо таъкиди махсус нишон дода мешавад. Ҳамзамон, гарчанде ба ҷанбаҳои фалсафии ирфон таваҷҷуҳи асосӣ равона мегардад, масъалаи ҳамгироии мантиқ ва ирфон ҳамчун равандҳои шинохти ҳақиқат ва ҳастӣ ҳанӯз камтар таҳқиқ шудааст.

Баъзе муҳаққиқон, дар таҳлили таълимоти фалсафии исломии асрҳои миёна, бештар ба равияҳои ирфонӣ ва мазҳабии ислом, аз ҷумла исмоилия ва тасаввуф, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аҳаммияти назарияи фалсафаи шарқиро дар робита ба масъалаи ҳастӣ ва маърифати ботинӣ таъкид мекунанд. Бо вуҷуди ин, таъсири мутақобилаи ин равияҳо дар маркази баррасии онҳо камтар қарор гирифтааст. Масалан, А. Бертелс таърихи фалсафаи исломиро мавриди омӯзиш қарор додааст, вале асосан ба шарҳи умумии масоили фалсафа ва мантиқ аз дидгоҳи файласуфон рӯ оварда, аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои ҳастишиносӣ ва нақши онҳо дар ташаккулу такомули фалсафаи асримиёнагии тоҷик канора гирифтааст. Дар ҳоле ки таҳқиқи амиқи ин масъала имкон медод, то равандҳои рушди афкори фалсафӣ ва вижагиҳои он муфассалтар ошкор гарданд.

Аз ҳамин сабаб, пажӯҳиши мавзуи мазкур аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ниҳоят, рӯзмаррагӣ, арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии ин масъалаҳо зарурати таҳқиқи ҷудогонаи онҳоро тақозо намуда, асоси интихоби он ҳамчун мавзуи диссертатсияро фароҳам овардааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки диссертант бори нахуст таъсири таълимоти машшоия ба ирфону тасаввуф, инчунин нуфузи афкори ирфонӣ ба фалсафаи машшоияи шарқиро дар доираи фалсафаи асримиёнагии тоҷик мавриди таҳқиқи низомманд қарор додааст.

**Ҷанбаҳои асосии навгонии илмии таҳқиқотро метавон ба таври зерин муайян намуд:**

- таҳқиқоти муфассал дар бораи таносуби категорияҳои калидии «ҳастӣ» ва «нестӣ», «моҳият», «ирфони назарӣ ва амалӣ», «сайру сулук», «мақом ва ҳол», «инсони комил» анҷом дода шуда, таълимоти фалсафии машшоия ва тасаввуфи асрҳои X–XII ба таври ҳамаҷониба бозшиносӣ шудаанд;
- муайян гардидааст, ки ирфони Ибни Сино ҳамчун шакли хосси ирфони фалсафӣ ва ақлгаро маърифати илоҳиро тавассути таҳлили мантиқӣ, мароҳили маърифат ва такомули ақлӣ асоснок месозад. Ӯ ирфонро ҷузъи фалсафаи худ қарор дода, бо истифода аз мафҳумҳои «ақли фаъол», «иттиҳоди ақлӣ» ва «рамзгароӣ» ҳақиқатро ифшо менамояд;
- ошкор шудааст, ки зиддият ва ҳамзамон алоқамандии диалектикии фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти теософии аҳли тасаввуф дар баъзе маврид боиси

рушди тафаккури мантиқӣ гардида, дар ҳамин замина ҳар ду ҷараён ҳамчун унсурҳои фарҳанги миллии тоҷикон дар ташаккули фарҳанги ҷаҳонӣ саҳмгузор шудаанд ва сабаби густариши минбаъдаи тасаввуф гардидаанд;

- накши таълимоти фалсафии машшоия ва тасаввуф дар рафъи буҳронҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеаҳои муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст;
- муайян карда шудааст, ки онтология ҳамчун назарияи ҳастӣ ба таҳқиқи хусусиятҳои асосии воқеият мепардозад. Ҳадафи аслии фалсафаи машшоияи шарқӣ дарёфти усули умумии ҳастист, ки дар ҳама гуна мавҷудот бо шаклҳои гуногун таҷалло менамояд. Ин усул, ки бо мафҳуми «Воҷибулвуҷуд» ифода меёбад, ҳамчун ҳастии комил ва мабдаи кулли мавҷудот фаҳмида мешавад;
- собит гардидааст, ки машшоёни шарқӣ бо такя ба мантиқ ва бурҳон кӯшиш намудаанд, то сохтори умумии воқеиятро тавсиф ва таҳлил намоянд. Онҳо бо баррасии тафовут миёни ҳастии зарурӣ ва ҳастии мумкин ва робитаи он бо ақл, нафс ва модда, модели мутаносиби ҳастишиносиро ташаккул доданд. Ин масъалаҳо, мисли дигар нуктаҳои зикршуда, бори аввал ҳадафи таҳқиқи мустақими фалсафию илмӣ қарор дода шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Бозёфтҳо ва хулосаҳои ба дастомадаи диссертатсия мақоми воқеии таълимоти ҳастишиносии равияҳои машшоия ва тасаввуфро дар фарҳанги миллии тоҷик ифшо намуда, бо таҳлили консептуалии ҷанбаҳои ахлоқӣ, арзишӣ ва маънавии онҳо, аҳаммияти ин таълимотро дар замони муосир равшан месозанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот фаҳмиши моҳияти иҷтимоии ҳастии маънавии инсонро васеъ гардонида, имкони таҳияи заминаи методологии омӯзиши шуури иҷтимоӣ ва ғанӣ намудани ғояҳои пурмазмуни фарҳангшиносии муосир ва антропологияи фалсафиро фароҳам меоранд. Дар ҳамин замина, муҳтавои муҳимтарини мафоҳими калидии фалсафӣ, аз қабили «ҳастӣ», «шуур», «маърифат», «ратсионализм», «илми ҳол (ирратсионализм)», «инсони комил» ва дигар мафҳумҳо муайян ва равшан гардонида шудаанд.

Натиҷаҳои ба дастомада ҳамчун саҳми назариявӣ метавонанд барои баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои марбут ба ҳастишиносӣ, омӯзиши осори файласуфон ва мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик, ҳамчунин барои дарки назарияҳои равияҳои мухталифи фалсафӣ ва динӣ дар асрҳои X–XII истифода шаванд. Ин натиҷаҳо ҳамзамон тасаввуротро дар бораи муҳтавои масъалаҳои фалсафию динӣ тавсеа дода, ақидаҳои илмиро дар бораи иқтидори арзишҳои маънавии ҷомеаи ташаккулёбанда мушаххас месозанд ва барои фаҳмиши амиқтари раванди дигаргунсозии афкору фарҳанги ҷомеаи муосир ва дурнамои рушди он мусоидат менамоянд.

Маводи таҳқиқотӣ, инчунин, метавонад барои таҳия ва амиқ гардонидани мавзуъҳои мушаххаси курсҳои донишгоҳӣ дар самтҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, ҳамчунин барои мутахассисоне, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни ирфон, масоили маърифат ва мушкилоти марбут ба шуури иртиҷоӣ машғуланд, аҳаммияти амалӣ дошта бошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо интихоби далелҳои муътамад, истифодаи маводи интишоротии фарогири пажӯҳиш ва такмили онҳо дар шакли мақолаҳои илмӣ тасдиқ мегардад. Миқдори зарурии маводи ҷамъоварӣ ва коркардшуда мавҷуд буда, саҳеҳияти онҳо бо санҷиши манбаъҳои истифодаёфта таъмин шудааст. Ақидаҳои илмии аз ҷониби диссертант пешниҳодгардида ва дар рисола баёншуда тасдиқи худро ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳо бо роҳи таҳлилҳои илмӣ ва муқоисавии натиҷаҳои назария ва амалияи мавриди омӯзиш асоснок карда шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, чор боб, чордаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки шумораи унсурҳои

охирин 420 номгӯйро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии матни диссертатсионӣ 470 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи коркард ва омӯхташавии он муайян карда шудааст. Ҳамзамон мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, навоварии илмӣ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, инчунин объект ва предмети таҳқиқ, марҳилаҳои асосии он муқаррар гардидаанд. Асосҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикии тадқиқот дақиқ нишон дода шуда, ҷанбаҳои навоварии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мушаххас гардидаанд. Дар ҳамин замина, маълумот оид ба аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, соҳаи истифодабарии онҳо, саҳми шахсии унвонҷӯ ва сохтори умумии диссертатсия низ ироа шудааст.

**Дар боби якум**, ки бо унвони **«Масъалаҳои таҳқиқи ҳастишиносӣ»** номгузорӣ шудааст ва аз чор зербоб иборат мебошад, диссертант нуқтаи назари файласуфонро дар мавриди масъалаҳои асосии ҳастишиносӣ муайян намудааст.

Дар доираи ҳамин боб, масъалаҳои калидии онтологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, «ҳастӣ» ҳамчун категорияи фалсафии абстрактӣ дарк гардида, ҳамчун таҳаввул ва асоси универсалии тамоми мавҷудоти мушаххас шарҳ дода мешавад. Он ба ҳар як объект дараҷаи воқеиятро нисбат дода, марзи он аз «нестӣ» ва бенизомӣ равшан мегардад. Муаллиф «ҳастӣ»-ро ҳамчун категорияи нӯҳум муаррифӣ намуда, онро дар маркази низоми ҳашт ҷуфти категорияҳои бунёдии онтология қарор медиҳад: «мутлақ ва нисбӣ», «замон ва абадият», «моҳият ва мавҷудият», «воқеият ва нобудӣ».

Дар рисола таъкид мегардад, ки масъалаи «ҳастӣ» ва «нестӣ» яке аз мавзуъҳои марказии онтологӣ ба ҳисоб меравад. «Нестӣ» ҳам дар онтологияи асримиёнагӣ ва ҳам дар ҷаҳони муосир мавриди таваҷҷуҳ қарор дошта, муаммоҳои марбут ба будан ё набудани он, робита доштан ё надоштанаш бо «ҳастӣ», инчунин саволи он ки «нестӣ» мабдаъ аст ё «ҳастӣ», мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин замина, нишон дода мешавад, ки «ҳастӣ» ва «нестӣ» ду категорияи ҷуфтро ташкил медиҳанд, ки бо ёрии онҳо «тақдири онтологӣ»-и ҳар як мавҷудоти мушаххас ифода меёбад.

Ба андешаи диссертант, мафҳумҳои «ҳастӣ» ва «моҳият» низ ҳамчун категорияҳои асосии онтологӣ арзёбӣ мегарданд. Дар ин замина, сарчашмаи фарқияти мавҷудоти олам дар моҳият ифода ёфта, робитаи он бо ҳастӣ равшан мешавад. Файласуфон барои дарки маънои ҳақиқии ҳастӣ ба мафҳуми «моҳият» таваҷҷуҳ намуда, онро ҳамчун ҳадди ҳастӣ шарҳ додаанд.

Тафовути асосии «ҳастӣ» ва «моҳият» дар он зоҳир мегардад, ки «ҳастӣ» ба ҳеҷ як аз даҳ категорияи Арасту тааллуқ надорад, зеро он як мафҳуми абстрактӣ мебошад, дар ҳоле ки «моҳият» як воқеияти мушаххасест, ки дар доираи даҳ категорияи Арасту ҷой мегирад.

Муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки дар фалсафаи классикӣ онтология ҳамчун муайянкунандаи ҳастӣ, новобаста аз фаъолияти инсон, шуур ва тафаккури ӯ ифода мешуд. Донише, ки тавассути тафаккур ба даст меояд ва ба ашёву падидаҳое марбут аст, ки дар асл вуҷуд доранд, нисбӣ фаҳмида мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат файласуфон дар пайи кашфи сохторҳои устувори вуҷуд, моҳияти ашё (ҷавҳар) ва робитаи байни ҳастӣ ва тафаккур буда, ба метафизика рӯ овардаанд.

Дар натиҷа, фалсафа хусусияти дониши ниҳоӣ касб мекунад, ки он ба худшиносӣ ва худсобиткунии ақли инсон асос меёбад. Аз дидгоҳи муҳаққиқ, «ҳастӣ» ҳамеша ҳаст, ҳамеша вуҷуд дорад; он ҷудонашаванда, беҳаракат ва комил мебошад.

**Боби дуюми** диссертатсия бо унвони «Маърифати ҳастӣ дар таълимоти мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик (асрҳои X–XII)» номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои мазкур масъалаҳои марбут ба мазмун ва моҳияти ҳастишиносӣ, вазъи сиёсӣ, иҷтимоиву ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеа дар асрҳои X–XII,

осори муҳимми файласуфони машшоъ ва намояндагони тасаввуф, ҳамчунин ҷанбаҳои идеологии масъалаҳои ҳастишиносӣ дар ин осор таҳлил шудаанд. Муҳаққиқ нишон медиҳад, ки мафҳуми «ҳастӣ» дар ин давра танҳо як масъалаи назариявӣ набуда, балки посухе ба ниёзҳои маънавӣ ва иҷтимоии ҷомеаи форсу тоҷик низ маҳсуб мешуд. Дар пасманзари таназзули хилофати Аббосиён ва эҳёи фарҳангии сулолаи Сомониён, шароити нисбатан озоди фикрӣ ба рушди фалсафаи мантиқӣ ва густариши ирфони таҷрибавӣ мусоидат кардааст.

Ҳамзамон, масъалаи ҳастишиносӣ дар доираи мактабҳои динӣ-фалсафии асримиёнагӣ — калом, мӯътазилия, исмоилия ва ишроқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант муайян месозад, ки аз замони зуҳури ислом ва тарҷумаи осори донишмандони Юнону Рими Қадим, баҳсу муҷодалаҳои фирқавӣ, мазҳабӣ ва фалсафию илоҳиётӣ дар бораи тасаввуроти онтологӣ, бахусус дар мавриди таносуби Худо, олам ва инсон, ба таҳаввул ва рушд ё баръакс ба таназзули афкори фалсафӣ таъсири назаррас гузоштаанд.

Дар асрҳои X–XII бархе аз андешаҳои фалсафӣ мухолиф бо таълимоти дини ислом арзёбӣ мешуданд. Аз ин ҷост, ки назарияҳои бисёре аз мутафаккирони он давр хусусияти мусолиҳатомез гирифта, бар эътирофи қадим будани Худо, олам ва табиат такя мекарданд. Дар ҳамин замина, андешаҳои дорои хусусияти материалистӣ низ, мувофиқи қоида, бо рангу тобиши теологӣ ифода меёфтанд.

**Боби сеюми** рисола бо унвони «Масъалаи ҳастишиносӣ дар тасаввуф» пешниҳод шуда, аз чор зербоб иборат аст. Дар зербобҳои он масъалаҳои марбут ба мазмун ва моҳияти ҳастишиносӣ, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа дар асрҳои X–XII, хусусиятҳои маърифати ирфонӣ дар шинохти ҳастӣ, робитаи мутақобилаи таълимоти тасаввуф ва калом, ҳамчунин баррасии осори муҳимми файласуфони машшоъ ва сӯфиёни ин давра, бо ҷанбаи идеологии масъалаҳои ҳастишиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар таҳқиқ қайд шудааст, ки таълимоти ирфонӣ дар муайян кардани умумиятҳои таҷрибаи динии инсоният нақши арзанда дорад, ки дар он ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунанд. Барои таъмини ҳаёти боамну салоҳ ва ҳамзистии тамаддунофаронаи башарият, зарур аст, ки дар баробари такя ба андешаҳои фалсафию динӣ, паҳлуҳои ахлоқии таълимоти ирфонӣ низ ба эътибор гирифта шаванд.

Аз ҷониби диссертант, фарқи байни ирфони назарӣ ва амалӣ, мафҳумҳои «сайру сулук», «мақом», «ҳол» ва «инсони комил» мухтасар шарҳ дода шудаанд. Ҳамчунин, тафовути «ҳикмати завқӣ» (фалсафаи маърифати ҳадсӣ) ва «ҳикмати ақлгаро» (фалсафаи ратсионалӣ) муайян гардида, нуқтаи назари аҳли тасаввуф дар бораи волоияти маърифати ирфонӣ нисбат ба дониши ақлӣ таъкид шудааст.

Ба андешаи муҳаққиқ, омӯзиши ҷанбаҳои онтологии ирфонӣ ва асосҳои фалсафии тасаввуф дорои аҳаммияти мубрам мебошад, зеро таҳлили таърихӣ ва фалсафии марҳилаҳои ташаккул ва рушди тасаввуф ягона роҳи расидан ба тасаввуроти объективӣ дар бораи моҳият ва нақши он ба шумор меравад.

**Боби чоруми** рисола бо унвони «Таҳлили муқоисавии масоили ҳастишиносӣ дар таълимоти фалсафии машшоияи шарқӣ ва тасаввуф дар асрҳои X–XII» пешниҳод шуда, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербобҳои он мафҳумҳои «Худо» ва «олам», «ҳаракат», «вақт», «фазо» ва «инсон» мавриди шарҳ қарор гирифта, андешаҳои файласуфони машшоъ ва сӯфиён бо равиши муқоисавӣ таҳлил шудаанд.

Дар ин боб масъалаи таносуби Худо ва олам аз дидгоҳи аҳли машшоъ ва тасаввуф, инчунин назари онҳо оид ба ҳаракат, вақт ва фазо мавриди муқоиса қарор гирифтааст. Ҳамчунин масъалаи инсон ва ҷойгоҳи ӯ дар таълимоти машшоия ва тасаввуф бо ҷанбаҳои умумӣ ва ихтилофоти назариявӣ равшан карда шудааст. Дар доираи таълимоти фалсафию динӣ ва мактабҳои асримиёнагии халқҳои Шарқи

Наздик ва Миёна масъалаи инсон ва рисолати ӯ яке аз мавзуъҳои муҳимми баҳсу мунозира будааст. Машшоиён ба маърифати инсон эътимоди комил дошта, ратсионализмро тарғиб менамуданд, дар ҳоле ки мутакаллимон баръакс дар фаҳмиши маърифат роҳи дигар пеш мегирифтанд. Машшоиён ҳиссиётро ҳамчун дараҷаи аввалини маърифат ба эътибор мегирифтанд, аммо мутакаллимон нақши онро нодида мегирифтанд ё камаҳаммият мешумурданд. Машшоиёни шарқӣ инсонро офаридаи Худо дониста,,ӯро дар рафтору кирдораш соҳибихтиёр медиданд ва нақши муҳит, тарбия ва омилҳои иҷтимоиро дар ташаккули шахсияти ӯ эътироф менамуданд. Диссертант муайян месозад, ки дар таълимоти тасаввуф мафҳумҳои «Худо» ва «инсон» дар як радиф қарор гирифта, ҳамчун як воқеияти ягона дарк мегарданд. Инсон мавҷудест, ки дар натиҷаи камолоти ахлоқию маънавӣ қодир ба дарки тамоми низоми офариниши олам мегардад. Ӯ ҳамчун «олами сағир» зоҳиру ботини «олами кабир»-ро дар худ таҷассум намуда, ҳақиқати воқеии ҳастии худро шинохта метавонад. Ба андешаи мутафаккирон ва мутасаввифон, агар инсон асл ва насаби худ — яъне ҷисм ва нафси худро бишносад, олам ва офарандаи онро низ дарк хоҳад кард. Аз ин рӯ, худошиносии инсон дар ниҳоят бо худшиносӣ ҳамоҳанг мегардад ва ҳадафи аслии он муайян намудани мақоми инсон дар Олам аст.

**Хулосаи рисола** аз 14 банд иборат буда, дар он таъкид мегардад, ки масъалаҳои асосии онтология, ҳамчун зербинои ҳар гуна низоми фалсафии классикӣ, дар таҳқиқоти файласуфони асримиёнагии тоҷик ва, махсусан, дар андешаи фалсафии тоҷикон мақоми меҳварӣ доранд. Аз дидгоҳи файласуфоне чун Абӯалӣ ибни Сино, «ҳастӣ» ҳамчун категорияи куллии воқеият, тамоми низоми зоҳирӣ ва ботинӣ, моддӣ ва маънавӣ, инчунин замону маконро фаро мегирад.

Муносибати ҳастӣ ва тафаккур яке аз мавзуъҳои марказии фалсафаи ҳастишиносӣ маҳсуб шуда, дар таълимоти файласуфони машшоия ва мутафаккирони ирфонӣ ба шаклҳои мухталиф ифода ёфтааст. Масъалаи робитаи зеҳн ва воқеият, субъективӣ ва объективӣ будани шинохт, ҳамчунин имконияти дарки ҳастӣ тавассути тафаккур мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст.

Ирфон ҳамчун низоми маърифатӣ шакли вижаи дарки ҳастиро пеш мегузорад, ки бар хилофи усулҳои мантиқӣ ва ақлгароёнаи фалсафа ба таҷрибаҳои ботинӣ, эҳсоси рӯҳӣ, илҳом ва шуҳуди қалбӣ такя мекунад. Ҷанбаҳои ирратсионалии ирфон дар он таҷассум меёбанд, ки маърифат дар ин равиш на ба воситаи истидлолҳои мантиқӣ, балки тавассути таҷрибаи мустақими иртибот бо ҳақиқат сурат мегирад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Омӯзиши масъалаҳое, ки дар диссертатсия матраҳ шудаанд, барои ташаккули маърифат ва идроки арзишҳои ҷомеаи умумибашарӣ ва дарки саҳми халқи тоҷик дар офариниши ин арзишҳо мусоидат мекунад. Бозёфтҳо ва хулосаҳои бадастомада мақоми воқеии таълимоти ҳастишиносии равияҳои машшоия ва тасаввуфро дар фарҳанги миллии тоҷик ифшо намуда, ҷанбаҳои ахлоқӣ ва арзишии онҳоро дар замони муосир бо таҳлили консептуалӣ равшан месозанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун саҳми назариявӣ метавонанд дар таҳлилу баррасии мушкилоти марбут ба ҳастишиносӣ, омӯзиши осори файласуфон ва мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик, инчунин дар таҳқиқи назарияҳои равияҳои мухталифи фалсафӣ ва динӣ дар асрҳои X–XII истифода шаванд.

Илова бар ин, маводи диссертатсионӣ метавонад барои таҳия ва амиқ гардонидани мавзуъҳои курсҳои донишгоҳӣ дар самтҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ ва диншиносӣ мавриди истифода қарор гирад. Он ҳамчунин барои мутахассисоне, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти ирфонӣ ва масоили марбут ба маърифат машғуланд, аҳаммияти амалӣ дорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия а**з 1 монография, 1 дастури таълимӣ ва 29 теъдоди мақолаҳо иборат буда, 16-тои он дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, нашр шудаанд.

Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. бо вуҷуди ишораҳо, робитаи мустақими афкори фалсафӣ бо воқеияти иҷтимоии асрҳои X–XII камтар тавзеҳ дода шудааст;
2. дар зербоби сеюми боби дуюм бештар такя ба таълимоти Ибни Сино карда шуда, дигар намояндагони ин мактаб аз мадди назар дур мондаанд;
3. хуб мешуд, агар дар зербоби дуюми боби сеюм аз таълимоти мутафаккирони давраи мазкур мисолҳои мушаххас оварда мешуд;
4. дар чанд маврид *машшоъ* ва *машшоия* бо ҳам омехта истифода шудааст, ки беҳтар аст як шакли устувор интихоб гардад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи **«Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)»** аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа пешниҳод гардида, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фалсафаи
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Атоев А.М.

Имзои Атоев Атоулло Мухторовичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи муассиса:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, №1.
Тел: +992 3422 675 18
Почтаи электронӣ: HGU.TJ
«26» августи соли 2025